# Тарзи навишт ва талаффузи ҳарфҳои ژ – ز – ر – ذ – د

Ҳарфҳои دـذـرـز ба гурухи харфхои мунфасила дохил мешаванд, ки онхо 7-то мебошанд: ا *(алиф)*, د *(дол)*, ذ *(зол)*, ر *(ре)*, ز *(зе / зайн)*, ژ *(же)* ва و *(вов)*. Шакли ин 7 ҳарф чор хел аст: ا د ر و. Ҳарфҳои د ва ذ, ز ر ва ژ аз ҳамдигар фақат бо микдори нуқтаҳо фарқ мекунанд. Ин ҳарфҳо байни худ ва аз дигар ҳарфҳои баъд омада чудо навишта мешаванд. Лекин агар ҳарфҳои муттасила пеш аз ҳарфҳои мунфасила оянд, бо онҳо якчоя навишта мешаванд. Ҳарфҳои мунфасида ду шакли навишт доранд:

| Дар охир чудо ё дар алоҳидагӣ | Дар охир пайваст | Дар мобайни калима | Дар аввали калима |
|---|---|---|---|
| ا | ـا | ـا | ا |
| د | ـد | ـد | د |
| ذ | ـذ | ـذ | ذ |
| ر | ـر | ـر | ر |
| ز | ـز | ـز | ز |
| ژ | ـژ | ـژ | ژ |
| و | ـو | ـو | و |

Аз ҳарфҳои номбаршуда ҳарфи د овози *«д»*, ذ овози *«з»* , ر овози *«р»*, ز овози *«з»*, ژ овози *«ж»*-ро ифода карда, ҳарфи و овозҳои гуногунро ифода менамояд.

Ҳарфи ا дар мобайн ва охири калима ҳамеша *«о»* хонда мешавад:

واو واژ واز وار ژاژ زار زاد راز راد دار داد

وا روا دارا دادا دوا

Ҳарфи ا дар аввали калима овозҳои зеринро ифода менамояд:

*«а»* – ار از ادا ادوار اوراد

*«и»* – ادرار ازا اذا

*«у»* – اردو

Ин ҳарфҳо дар мобайн ва охири калима овозҳои зеринро ифода менамояд:

«*у*» – آرو آرزو دارو زود دود دور

«*ӯ*» – رود دوز زور روز رو

Ҷонишини шахси сеюми шумораи танҳо – *ӯ* бо ҳарфҳои ا ва و навишта мешавад: او

Пайвандакҳои пайвасти пайиҳами *«ва», «-у»* танҳо бо ҳарфи و навишта мешаванд:

دارا و دادا   دوا و دارو